Худованд ҳар касеро масъулияте болои аз мардум вомегузорад ва ӯ дар ҳоле мемирад, ки бар раияташ хиёнат кардааст, Худованд биҳиштро бар ӯ ҳаром гардонидааст

Аз Маъқил ибни Ясори Музанӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мегуфт: "Худованд ҳар касеро масъулияте болои аз мардум вомегузорад ва ӯ дар ҳоле мемирад, ки бар раияташ хиёнат кардааст, Худованд биҳиштро бар ӯ ҳаром гардонидааст".
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд, ки ҳар касе Аллоҳ ӯро ҳоким ва масъул қарор додааст, чи масъулияти бузурге бар дӯш дорад, монанди ҳоким ва амир, ва ё сарпарастии хос, ба монанди сарпарастии мард ё зан дар хонаи худ ва бар зердастони худ беэътиноӣ кунад, дар масъулияти худ фиреб ва хиёнат кунад, барои онон хайр ва некӣ нахоҳад ва ҳуқуқи динӣ ва дунявии ононро зоеъ кунад, сазовори ин ҷазои сахт хоҳад буд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5335